**Хулосаи**

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10–журналистика пешниҳод шудааст.

Аз 30. 03. 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи номзадии Салимзода Маҷид Одина таҳқиқи яке аз мавзӯъҳои муҳимми илм ва амалияи публитсистикаи тоҷик дар замони муосирро фаро гирифтааст.

**Аҳаммияти интихоби мавзӯъ**, пеш аз ҳама, он аст, ки бори аввал публитсистикаи Тоҷӣ Усмон бо нишон додани хусусиятҳои мавзӯиву мундариҷавӣ ва шакливу жанрӣ мавриди пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор гирифтааст. Публитсистикаи Т. Усмон аз нигоҳи инъикоси паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии замон, рӯҳияи баланди тарбиявию маънавӣ, тараннуми ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, таҳкими дӯстиву бародарии халқияту миллатҳо, густариши робитаи давлатҳо, бозтоби раванди корҳои созандагӣ, тасвири ҷушӯ хурӯши меҳнат дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, ифшои камбудиву норасоиҳои иҷтимоӣ, дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами ҷомеа ва амсоли ин муҳимму мубрам аст. Иқдоми унвонҷӯ ба ин масъалаи нисбатан кам омӯхташуда ва нишон додани паҳлуҳоиноравшани он танҳо ба манфиати илми публитсистикашиносии тоҷик хоҳад буд

Диссертатсия бо риояи методология ва методҳои илмӣ таълиф гардида, таҳлилу баррасиҳои муаллиф бо низоми муайяни мантиқӣ шакл гирифтаанд. Ин усул барои сохтори ягонаву том пайдо кардани

диссертатсия боис шуда, ки бозгӯи аҳаммияти методологиву методии он низ мебошад.

**Навигарии кори диссертатсионии** Салимзода М. О. дар он зоҳир мешавад, ки ӯ бори аввал рӯзгор ва осори Тоҷӣ Усмонро аз нигоҳи илми публитсистикашиносӣ мавриди пажӯҳиши диссертатсионӣ қарор дода, дар заминаи маводи илмиву амалии фаровон шахсияти эҷодии Тоҷӣ Усмонро муайян карда, паҳлуҳои фаъолияти гуногунҷанбаи ӯро бо назардошти вижагиҳои мундариҷавию жанрӣ нишон додааст.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ аз методҳои таҳлили мундариҷавӣ, сифативу миқдорӣ, муқоисавӣ–таърихӣ, библиографӣ, оморӣ ва амсоли ин самаранок истифода намудааст. Дар баррасии мавзӯъ равиши таърихӣ нисбатан бартарӣ дорад, ки барои ошкор намудани заминаҳои таърихӣ, тамоюлҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабии осори публитсистии Тоҷӣ Усмон мусоидат кардааст. Истифодаи ин метод ва ҳамчунин усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва сифативу миқдорӣ имконеро фароҳам овардааст, ки муаллиф ба принсипи хронологӣ такя карда, ҷараёни зиндагӣ, ташаккули фаъолияти эҷодӣ, сатҳу дараҷаи маърифати касбӣ, ҳусну қубҳи осори публитсистӣ, илмиву оммавӣ ва бадеии дорои оҳанги иҷтимоии Т. Усмонро бо назари илмӣ таҳқиқу таҳлил кунад.

Дар ин замина таҳқиқоти донишмандони русу тоҷик Е. Прохоров, А. Агроновский, В. Учёнова, В. Горохов, В. Афанасев, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, М. Муродов, Ҷ. Муқим, Ш. Муллоев, С. Гулов ва дигарон мададрасони ӯ будааст.

Диссертатсия, ки аз се боб ва шаш фасл таркиб ёфтааст, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташударо инъикос мекунад.

Маводи таҳқиқот ва хулосаҳои онро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи публитсистика, рӯзноманигорӣ, тадриси фанҳои таърихи матбуоти тоҷик,

асосҳои фаъолияти эҷодии журналистӣ ва дарсҳои интихобӣ истифода кард.

Муҳиммият, навгонӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсияи Салимзода Маҷид Одинаро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад.

**Хулоса**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» аз нигоҳи интихоби мавзӯъ, мубрамияти таҳқиқ, музокираҳои илмӣ ва хулосаҳои дақиқ боваринок буда, он бо факту далел ва таҳлилу баррасиҳо асоснок карда шудааст. Мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, пурра мувофиқат мекунад;

2. Як рисола ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (7 адад), ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида мебошад, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад;

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст;

4. Дар диссертатсия маводи фаровони илмӣ ва амалӣ дар шакли ишора, тавзеҳ ва иқтибос истифода шудааст, ки ба баррасии ҳаматарафаи мавзӯъ мусоидат кардааст. Иқтибосҳо ба номгӯйи адабиёти феҳрастшуда пурра мувофиқат мекунанд;

5. Диссертатсияи номзадии Салимзода Маҷид Одина барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад;

6. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика мувофиқат мекунад, тавсия карда шавад:

**Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО ва PR-и Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон;

**Маҳкамова Дилором Юнусовна** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода тавсия карда мешавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Саъдуллоев Ҷ. М.

Аъзоёни комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор, Кӯчарзода А.
узви Шӯрои диссертатсионӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Азимов А. Х.